**Ба ректори Донишгоҳи**
**давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**
**мӯҳтарам Хайрзода Ш.Қ.**

**МОНИТОРИНГ**
**ОИД БА РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА**
"Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония" дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 2019

**Маълумоти умумӣ:**

Бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/Бонки ҷаҳонӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) аз 7 августи соли 2015 ҷиҳати маблағгузории Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқати он ба бозори меҳнат дар асоси натиҷаҳои озмун барои гирифтани грант байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии моолия ва иқтисоди Тоҷикистон Созишномаи грантӣ аз 30.11.2018, № 07/1 ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ «Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония»

**Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа:**

Мақсади лоиҳа ташкил намудани фазои таълимӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти азнавсозии стандартҳои таълимӣ, нақшаҳо, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо дар асоси принсипҳои Раванди Болония, инчунин ҳамгироии таълим, тадқиқот ва ҷорӣ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ дар амалияи бизнеси миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии лоиҳа иборатанд аз:

- Таҳия ва тасдиқи 6 номгӯи стандартҳои таълимӣ ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои менеҷменти молиявӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди ҷаҳон, иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, таҳлили иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.
- Таҳияи на камтар аз 8 номгӯи модули таълимӣ оид ба соҳибкории инноватсионӣ ва менеҷменти инноватсионӣ.
- Гузаронидани тренингҳо дар асоси интихоби пешакии номзадҳои шавқманд ва то ҳадде тайёрбуда бо назардошти баробарии гендер.
- Таҳия ва чопи 2 номгӯи китоби дарсӣ «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» бо ду забон ба миқдори 4 ҳазор дона.
- Ташкил ва баргузории озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ» бо назардошти интихоби пешакии донишҷӯён, магистрон ва аспирантони донишгоҳ на кам аз 50 нафар.

- Амалигардонии на кам аз 4 беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ дар доираи фаъолияти бизнес-инкубатор, ки дар заминаи лоиҳа таъсис дода мешавад.
- Ташкили на кам аз 2 ширкати нави навовар ва пешкаш намудани на камтар аз 1 мол/хизматрасонии инноватсионӣ ба бозор.

**Қисматҳои лоиҳа/самтҳои асосии фаъолият:**

Компоненти 1 – Такмили барномаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи чараёни Болония дар чаҳорчубаи интихоби бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

Компоненти 2 – Ташкили инфрасохтори муҳити таълимӣ-инноватсионӣ баҳри татбиқ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

**Муҳлати татбиқи лоиҳа:**

Оғози лоиҳа: 1 декабри соли 2018

Анҷоми лоиҳа: 30 ноябри соли 2020

**Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа:**

| № | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Сумма, сомонӣ | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи грант | 2 293 111,00 сомони | 97,1% |
| 2 | Саҳми муассиса | 70 639,00 сомони | 2,9% |
| | **Ҳамагӣ** | 2 363 750,00 сомони | 100% |

**Маблағгузории лоиҳа:**

***Шарҳи кӯтоҳ оид ба маблағгузорӣ:***

*Дар ин давра ба суратҳисоби махсуси лоиҳа дар ҳаҷми умумии 229311,0 сомонӣ маблағҳои транши аввали грант ворид гардид, ки 9,7 %-и маблағҳои умумии лоиҳаро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби донишгоҳ дар моҳи апрели соли 2019 маблағ ҷудо мегардад.*

**Азхудкунии маблағҳо (то 28.02.2019)**

Дар давоми моҳи феврали соли 2019 дар ҳаҷми 101018,07 сомонӣ маблағи грант азхуд карда шуд (тибқи нақша 37310 сомонӣ), ки 270,7 %-и нақшаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа ба 101018,07 сомонӣ баробар аст, ки ин 239,2 %-и нақшаи молиявии аз аввали татбиқи лоиҳа (42220 сомонӣ) пешбинишударо ташкил медиҳад.

Ҳисоботи молиявӣ замима мегардад.

*(Дар ҳолати иҷро нагардидани нақшаи давраи ҳисоботӣ бояд сабабҳои онро мушаххас нишон додан лозим аст.)*

**Ҳолати татбиқи лоиҳа:**

Дар давраи ҳисоботӣ, чорабиниҳои зерин амалӣ гардида, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

| № | Номгӯи чорабиниҳои нақшавӣ | Шарҳи натиҷаҳо |
|---|---|---|
| | Интихоби мушовирони маҳаллӣ барои омӯзиш ва таҳлили маводҳо, инчунин интихоби устодони донишгоҳ барои иштирок дар тренингҳо | Оид ба интихоби мушовирони маҳаллии ихтисосҳо ва мушовири маҳаллии кор бо Ташкилоти ғайридавлатӣ (ТҒД) аз тарафи гурӯҳи кории лоиҳа ба рӯзномаи «Рекламная газета» №6 (926) аз 07.02.2019 (саҳ. 4,) ва сомонаи ДДМИТ эълон ҷой дода шуд. Инчунин фармоиши ректори донишгоҳ таҳти №26/И аз 06.02.2019 оид ба ташкили комиссияи интихоботии мушовирон иборат аз 5 нафар тахия ва имзо гардидааст. |
| | Таҳияи вазифаҳои хизматӣ, баҳогузорӣ, интихоби мушовири кор бо Ташкилоти ғайридавлатӣ (ТҒД), гузаронидани тадқиқот коркарди маълумот ва таҳлили маводҳо, инчунин таҳияи ҳисоботҳо | Вазифаҳои хизматӣ ва шартнома бо мушовири маҳаллии кор бо ТҒД аз тарафи гурӯҳи корӣ таҳия ва аз тарафи роҳбари лоиҳа тасдиқ гардиданд. Рӯзи 17.02.2019 дар донишгоҳ озмуни интихоби мушовири маҳаллии кор бо ТҒД гузаронида шуд ва бо ғолиби ин озмун шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд. Тибқи Нақшаи татбиқи лоиҳа дар ин самт кор оғоз гардидаст. |
| | Таҳияи вазифаҳои хизматӣ ва ташкили гурӯҳи кории донишгоҳӣ бо мақсади мутобиқ намудани стандартҳои таълимии 6 ихтисоси роиҷи донишгоҳ ба низоми Болония аз ҳисоби кормандони масъули донишгоҳ ва шарикони хориҷӣ | Бо мақсади мутобиқ намудани стандартҳои таълимии 6 ихтисоси роиҷи донишгоҳ ба низоми Болония фармоиши ректори донишгоҳ таҳти №122/И аз 25.12.2018 ба имзо расида буд. Тибқи ин фармоиш дар ин самт, яъне тахияи вазифахои хизматии ин гурухи кории донишгохӣ оғоз гардида, дар мӯҳлатҳои муқарраршудаи лоиҳа ба итмом расони мешавад.<br>Инчунин равобити электронӣ бо шарикони хориҷӣ ба роҳ монда шуда, мукотиба давом дорад. |
| | Гузаронидани таҳқиқот, коркарди маълумот ва таҳлили маводҳои ҷамъовардашуда оид ба таҳияи талабот ва баҳодиҳии | Аз тарафи гурӯҳи корӣ уҳдадориҳои ТҒД дар самти таҳияи талабот ва баҳодиҳии зарурияти мактабҳои олӣ дар самти баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони |

| | | |
|---|---|---|
| | зарурияти мактабҳои олӣ дар самти баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони муосир дар асоси талаботи истеҳсолот ва бозори меҳнат | муосир дар асоси талаботи истеҳсолот ва бозори меҳнат таҳия гардида, аз тарафи роҳбари лоиҳа тасдиқ карда шуд. Рӯзи 07.02.2019 дар донишгоҳ озмуни интихоби ТҒД гузаронида шуд ва бо ғолиби ин озмун шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, кор оғоз гардид. |

(*Ҷадвали зерин тибқи чорабиниҳое, ки дар доираи қисматҳои лоиҳа дар давраи ҳисоботӣ ба нақша гирифта шудааст таҳия карда мешавад. Натиҷаҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорию сифати мушаххас нишон дода шаванд.*)

**Мушкилотҳое, ки ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Бинобар сабаби ноором гаштани вазъи сиёсӣ дар Фаронса шарики Лоиҳа Донишгоҳи Версали Париж кам дар тамос гашта истодаанд. Барои рафъи ин мушкилот барои иваз кардани шарики Лоиҳа ба Вазорати маориф ва илми ҶТ мактуб ирсол карда шуд.

**Мушовир оид ба мониторинги лоиҳа** **Диловаров М.**

**28.02.2019**

**Замима ба ҳисобот**

# Ҳисоботи молиявӣ

| | Дар асл пардохтҳо | | | Маблағҳои ба нақшп гирифта | | | Фарқият | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Моҳи чорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | **Моҳи чорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | **Моҳи чорӣ** | **Аз аввали сол** | **Аз оғози татбиқ** | **Маблағи умумии лоиҳа** |
| **Баланси (тавозуни) аввалияи суратҳисоб (А)** | 229311 | | | | | | | | | |
| ВОРИДШАВӢ:<br>• Маблағи грант (1) | 0 | | | | | | | - | | - |
| • Аз дигар сарчашмаҳо (2) | 0 | | | | | | | | | |
| **ҶАМЪ В=(1+2)** | 0 | | | | | **-** | | **-** | | **-** |
| **ҲАМАГӢ (А+В)** | **0** | | | | | **-** | | **-** | | **-** |
| **ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲО:** | | | | | | | | | | |
| *Хароҷотҳо/тиб қи буҷет* | **25090** | 37310 | 42230 | **25090** | 37310 | 42230 | 75928,07 | 63708,07 | 58788,07 | 2262731,99 |
| Идоракуни | 18450 | 18450 | 18450 | | | | | | | |
| Констовари | 12410 | 12410 | 12410 | | | | | | | |
| Хизмати мушовирон | 27854,24 | 27854,24 | 27854,84 | | | | | | | |
| Компьюторное оборудование | 42303,83 | 42303,83 | 42303,73 | | | | | | | |
| **ҲАМАГӢ МАБЛАҒИ ИСТИФОДАШУДА (С)** | 101018,07 | 101018,07 | 101018,07 | | | | | | | |
| **Баланси ниҳоии суратхисоб (Д)** | **0** | | | | | | | | | **-** |
| **ҲАМАГӢ баланс (С+Д)-(А+В)** | **128292,93** | | | | | | | | | |